Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 48 (4631) | ДУШАНБЕ, 3 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|





# МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО РОҲБАРОН ВА ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**31 - уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир карданд.**

Зимни машварат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои сафари корӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят ва рафти иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати кишвар андешаронӣ карда, вазъи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро таҳлилу баррасӣ намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти вазъи имрӯзаи ҷаҳон ва дигаргуниву таҳаввулоти сайёра ба хотири пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди кишвар, дар назди аъзои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Дар робита ба буҳронҳои сиёсӣ дар ҷаҳони имрӯза, низоъҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва болоравии нархи маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ки ба вазъияти иқтисодиву иҷтимоии қариб ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсири манфӣ мерасонад, ба роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Суғд, супориш дода шуд, ки бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда ҷиҳати пурра таъмин намудани иҷрои стратегияву барномаҳои милливу минтақавӣ, аз ҷумла «Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ» тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Супориш дода шуд, ки дар самти таъмини фаровонии бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал ва ташкил кардани захираи кофии он, пешгирии болоравии беасоси нархҳо, ба роҳ мондани фаъолияти муназзаму устувори соҳаҳои иқтисоди миллӣ, идома додани нақшаҳои созандагиву бунёдкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои мавҷуда ва иловагии рушд ва дигар тадбирҳо ҳар як роҳбар ва шахси масъул бояд муносибат ва фаъолияти ҷиддӣ намояд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои нақшаи киштукори баҳорӣ масъулини шаҳру ноҳияҳоро вазифадор карданд, ки ба истифодаи оқилонаву самараноки обу замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, ба роҳ мондани кишти такрорӣ, гирифтани се - чор ҳосил дар заминҳои обӣ ва захира кардани маҳсулот барои фасли зимистон ҳатман диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки таҷрибаи ҳар чӣ бештар истеҳсол кардани маҳсулот ва дар ҳар як оила барои ду сол захира намудани маҳсулоти зарурии ғизоӣ бояд ба як амали ҳатмӣ ва маъмулӣ табдил ёбад.

Таъкид гардид, ки масъалаи дигаре, ки бояд ба он диққати аввалиндараҷа дода шавад, дар заминҳои обӣ ҳатман ба роҳ мондани кишти такрорӣ мебошад.

Бо сабаби аз кор баромадани шабакаҳои обёрӣ, норасоии об ва корҳои ғайриқаноатбахши хоҷагидорӣ то ҳанӯз дар вилояти Суғд 2100 гектар замин аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст. Президенти мамлакат супориш доданд, ки ин мушкилӣ бояд ҳар чӣ зудтар бартараф карда шавад.

Вобаста ба аҳамияти гармхонаҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дастур дода шуд, ки бунёди гармхонаҳо ва истеҳсоли маҳсулот дар онҳо бо тарзу усул ва истифодаи технологияҳои пешқадам идома дода шавад.

Ҳоло дар вилоят 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки дар доираи онҳо то имрӯз 2,3 миллиард сомонӣ аз худ шудааст. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои татбиқи пурраи лоиҳаҳо ва ислоҳи баъзе лоиҳаҳо, камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ба роҳбарияти вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои он ва вазорату идораҳои дахлдор супориш доданд, ки амалишавии самараноки лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, хусусан бунёди сифатноки иншооти пешбинишуда, харидорӣ ва истифодаи мақсадноки техникаву таҷҳизотро зери назорати доимӣ қарор дода, камбудиҳои дар татбиқи лоиҳаҳо ҷойдоштаро фавран бартараф намоянд.

Дар робита ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки фаъолиятро бо мақсади татбиқи ин ҳадафи стратегӣ доир ба ташкили корхонаҳои коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ вусъат бахшанд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав аз Сарвари давлат супориш гирифт, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сармоягузорон барои ҷоннок намудани фаъолияти корхонаҳои амалкунанда ва барқарор намудани корхонаҳои азкормонда тадбирҳои қатъӣ андешида, барои рушди содироти маҳсулот чораҷӯӣ намояд.

Инчунин, ба роҳбарону мутахассисони вилоят супориш дода шуд, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав сабабҳои барҳам хӯрдани корхонаҳои саноатӣ ва коҳиш ёфтани истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти соҳаро мавриди омӯзиш қарор дода, оид ба пешгирӣ кардани ин раванд чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои он, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, фарҳанг ва Кумитаи рушди сайёҳӣ вазифадор шуданд, ки ҷиҳати рушди ҳунарҳои мардумӣ ва муаррифии ҳар чӣ бештари онҳо дар чорабиниҳои дохиливу байналмилалӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ, ба роҳбарияти вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои он ва Вазорати маориф ва илм супориш доданд, ки барои бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла ташкили марказҳои инкишофи кӯдак, тадбирҳои иловагиро андешанд.

Масъулини вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, якҷо бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои шуғлнокӣ ва соҳибкасб гардонидани сокинони маҳаллӣ вазифадор шуданд.

Дастуру супоришҳои дигар барои беҳтар кардани сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ба роҳ мондани омӯзиши ихтисосу ҳунарҳои барои бозори меҳнат зарурӣ ва бо шуғл таъмин намудани сокинони вилоят, бахусус ҷавонон ва занону бонувон дода шуд.

Дар машварати корӣ ба роҳбарияти вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода шуд, ки доир ба бартараф намудани норасоии табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ дар муассисаҳои тандурустӣ, фароҳам сохтани шароити хуби корӣ барои кормандони соҳаи тиб ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта чораҳои қатъӣ андешанд.

Ба раисони вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо роҳбарони гурӯҳи корӣ оид ба корҳои ободониву бунёдкорӣ супориш дода шуд, ки иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатиро зери назорати доимӣ қарор дода, барои дар муҳлати муайяншуда супоридани иншооти ҷашнӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дастуру супоришҳои дигар, ҳамчунин ҷиҳати ҳамаҷониба омода намудани соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, пешгирии қонунвайронкуниҳо дар масъалаи истифодаи замин, иҷрои амалҳои хайр дар моҳи Рамазон, дастгириву кумаки ятимону маъюбон ва камбизоатҳову муҳтоҷон, пешгирии ҷиноятқориҳо, риояи қонунҳои амалкунанда дар самти танзими расму оинҳо, тарбияи фарзандон дар роҳи ватандӯстӣ ва ғайра дода шуд.

Баъд аз суханронии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилоят ба Президенти мамлакат ҳисобот доданд.

**www.president.tj**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

**1-уми апрели соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Истиқлоли шаҳраки Ғафурови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Озода Косметикс»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи нави истеҳсолӣ бо саҳми соҳибкорони ватанӣ бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар бунёд гардида, масоҳати умумии корхона 5 гектарро ташкил медиҳад.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки хатти нави технологияи муосир барои истеҳсоли собуни хушбӯи мушкин ва хокаи ҷомашӯӣ аз Ҳиндустон ворид гардида, васлу насб гардидааст.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Озода Косметикс» дорои ду хатти истеҳсолӣ буда, тавассути технологияи пешрафта ашёи хом тайёр ва аз он собуни хушбӯйи мушкин ва хокаи либосшӯӣ истеҳсол мешавад. Дар корхона истеҳсоли 48 намуд собуни хушбӯи мушкин, мешавад, дар баробари таъмин намудани талаботи бозори дохилӣ, дар оянда ба хориҷи мамлакат содирот мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз раванди истеҳсолот, иқдоми пешгирифтаи соҳибкорони маҳаллиро ҷиҳати бунёди корхонаи нави истеҳсолӣ қадами устувор дар самти татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар арзёбӣ карданд ва масъулонро барои афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти хушсифати рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот вазифадор намуданд.

Дар асоси лоиҳа роҳбарияти корхона нақша доранд, ки дар доираи «Солҳои рушди саноат» эълон гардидани солҳои 2022-2026 бо ворид намудани технологияи пешрафта истеҳсоли моеи зарфшӯиро ба роҳ монда, ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар корхонаи «Озода Косметикс» аз намоиши маҳсулоти саноатӣ дидан карданд. Дар шароити феълии ҷаҳони муосир бунёд ва муҷаҳҳаз гардондани корхонаҳои нави истеҳсолӣ имконият фароҳам меорад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ афзоиш дода шуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис ёбад ва ба ин васила, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ беҳтару хубтар гардад.

Президенти мамлакат муҳтарам




зиёда аз 5 намуди собуни хоҷагӣ ва бештар аз 10 навъи хокаи либосшӯӣ ба роҳ монда шудааст. Маҳсулоти тайёри дар корхона истеҳсолшаванда сифати хуб дошта, дар бозор рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот мебошад.

Корхона иқтидор дорад дар як сол бештар аз 25 ҳазор тонна собуни хушбӯи мушкин истеҳсол намояд. Дар дохили мамлакат истеҳсоли собун ва хокаи либосшӯӣ, ки асосан аз хориҷи кишвар ворид мешавад, аҳамияти иқтисодӣ дошта, омили муҳими таъмини бозори дохилӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ мебошад. Дар корхона дар як рӯз 20 тонна хокаи либосшӯии хушсифат истеҳсол мешавад.

Ҷиҳати таъмини бехатарии моводи шустушӯӣ ва сифатнокии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар дохили корхона ташхисгоҳи муосир ташкил гардидааст. Он бо таҷҳизоти пешрафтаи санҷишӣ муҷаҳҳаз буда, мутахассисон маҳсулоти дар корхона истеҳсолшавандаро тавассути он санҷида, сифатнокӣ ва бехатарии онро дақиқ менамоянд. Баъд аз гирифтани хулосаи мусбат аз ҷониби мутахассисони ташхисгоҳ барои истифода иҷозат дода мешавад. Собун ва хокаи либосшӯии истеҳсолшаванда аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, ба саломатии инсон безарар мебошад. Ин яке аз талаботи асосӣ барои рақобатпазирии маҳсулот дониста мешавад. Дар бозори истеъмолӣ маҳсулоте рақобатпазир буда метавонад, ки дорои сифат ва ба саломатӣ бетаъсир бошад.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Озода Косметикс» бештар аз 50 сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд, ки бештари онҳо бонувонанд. Маҳсулоте, ки дар корхона истеҳсол карда Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ва суҳбат таваҷҷуҳи масъулони соҳаи саноати вилояти Суғдро ба масъалаи дар оянда бунёд намудани корхонаҳои нави саноатӣ, истифода ва коркарди самараноки ашёи хоми ватанӣ, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигарондашуда ва таъсиси ҷойҳои кории нав ҷалб намуданд.

Шарикии давлат ба бахши хусусӣ, имтиёзҳо, пешниҳоди сабукиҳо, ки бо мақсади рушди соҳаи саноат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорони ватанӣ пешбинӣ гардидааст, имкон фароҳам овард, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба беш аз 40 фоиз расонда шавад.

**1-уми апрели соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази Ҷамоати деҳоти «Овчиқалъача» - и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд бо бардоштани парда аз рӯи лавҳа майдони Парчами давлатиро ба истифода доданд.**

Баландии сутунпояи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 50 метр, дарозии матоъ 14 ва паҳноиаш 7 метрро ташкил медиҳад.

Сохтмони майдони Парчами давлатӣ дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли равон бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз гардида, дар муддати кӯтоҳ мутобиқ ба талаботи лоиҳавӣ ба анҷом расид.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИШТИРОКИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР КОРИ КОМИССИЯҲОИ АБ СААД

**31- уми марти соли равон раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ, раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон Зайнудин Сафарзода, Мавлудахон Мирзозода, Сарвиноз Маҷидзода ва Толиб Азимзода дар ҷаласаҳои нақшавии комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба масоили мудофиа ва амният, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, сиёсӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, илм ва маориф, ки дар Қасри Таврическийи шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ба таври фосилавӣ баргузор гардид, фаъолона ширкат варзида, фикру андешаҳои хешро иброз намуданд.**

Масъалаҳои зиёд, аз ҷумла «Дар бо-



раи натиҷаҳои ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки дар моҳи ноябри соли 2022 оид ба вазъ дар минтақаи масъулият ва тадбирҳои муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳо ба амнияти дастаҷамъӣ доир гардид», «Дар бораи натиҷаи ҷаласаи дуюми раисони кумитаҳои (комиссияҳои) парлумонҳои давлатҳои аъзои СААД, ки ба салоҳияташон масъалаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, мудофиа ва амният дохил мешаванд», «Дар бораи лоиҳаи Изҳороти Шӯрои Ассамблеяи парламентии СААД дар бораи пешгирӣ кардани мусаллаҳшавии бошитоб дар фазои кайҳон», «Дар бораи ҷаласаи ҳамоҳангсозии сарони ҳайатҳои парлумонии кишварҳои аъзои СААД дар Ассамблеяи парлумонии САҲА (16-уми феврали соли 2023, ба таври видеоконфронс) ва натиҷаҳои кори ҳайатҳои парлумонии кишварҳои аъзои СААД дар 22-юмин ҷаласаи зимистонаи Ассамблеяи парлумонии САҲА (23-24-уми феврали 2023, Вена, Ҷумҳурии Австрия)», «Дар бораи ҷаласаи ҳамоҳангсозии сарони ҳайатҳои парлумонии кишварҳои аъзои СААД дар Иттиҳоди байнипарлумонӣ ва натиҷаҳои кори ҳайатҳои парлумонии кишварҳои аъзои СААД дар Ассамблеяи 146-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ (моҳи марти соли равон) Манама, Шоҳигарии Баҳрайн)», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома дар бораи иштироки Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар назорати байналмилалии интихобот ва раъйпурсӣ (29-уми ноябри соли 2021)», Консепсияи қонуни намунавӣ «Дар бораи фондҳои мақсадноки дастгирии фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ», «Дар бораи илм ва фаъолияти илмию техникӣ» ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Вобаста ба онҳо Петр Короневский, сардори шуъбаи ҳамкориҳои сиёсии Котиботи СААД, Дмитрий Новиков-ҷонишини раиси комиссия, муовини якуми раиси Кумитаи Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия оид ба корҳои байналмилалӣ, Дик Сергей- узви Комиссияи ҳуқуқи Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус ва дигарон маърӯза намуданд.

Дар ҷаласаҳои зикршуда намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бахтовар Сафарзода иштирок намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1)

Майдони Парчами давлатӣ 30 садякро ташкил намуда, дар он барои истироҳату фароғати шаҳрвандон мутобиқ ба талабот шароит фароҳам оварда шудааст.

Сокинони ин деҳоти дурдасти мамлакат бунёду ба истифода додани иншооти нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тадриҷан беҳтаршавии сатҳи зиндагиро ба дастгириву таваҷҷуҳи доимии Роҳбари давлат марбут медонанд.

Дар майдони Парчами давлатӣ гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шуда, барои шаҳрвандон нишастгоҳҳо насб шудааст. Фаввораҳо зебоии атрофи иншоотро афзун намудаанд. Барои гаштугузор ва фароғати доимии сокинон равшании маркази деҳот ба назар гирифта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёду ба истифода додани Майдони Парчами давлатиро ба самараи Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдату ягонагӣ марбут дониста, масъулони дахлдорро барои ҳамин гуна ободу зебо нигоҳ доштани атрофи муқаддасоти миллӣ вазифадор намуданд.

Ҳамзамон, дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба масофаи 10 километр роҳҳои ҳудуди деҳоти «Овчиқалъача»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд асфалтпӯш шудааст.

**Баъд аз ба истифода додани майдони Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои бахши милитсияи шаҳраки Овчиқалъачаи Шуъбаи-2-юми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуровро ба истифода доданд.**

Сохтмони иншоот соли 2019 оғоз гардида, дар асоси лоиҳаи муосири шаҳрсозӣ бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба анҷом расид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шароити фароҳамшуда барои кормандони мақомоти милитсия баҳои баланд дода, ҳайати шахсиро ҷиҳати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, саҳм гузоштан дар пешгирии ҷинояткорӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва иҷрои дигар уҳдадориҳои касбӣ вазифадор намуданд.

Бинои бахши милитсияи шаҳраки Овчиқалъача дорои 18 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ ва ошхона буда, дар он ба кормандони мақомоти милитсия барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ ва пешрафти фаъолияти хизматӣ шароити зарурӣ фароҳам шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат кормандони мақомоти милитсияро ба истифодаи пурраи имконияти фароҳамшуда ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳо вазифадор намуданд.

**1-уми апрели соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази Ҷамоати деҳоти «Овчиқалъача» - и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд коргоҳҳои дӯзандагӣ, қолинбофӣ ва коргоҳи коркарди меваро мавриди истифода қарор доданд.**

Дар доираи тадбирҳои ободонӣ бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи ҳамешагии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷамоати деҳоти «Овчиқалъача»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар як муддати кӯтоҳ бо бунёди иншооти муҳими иҷтимоӣ ва коргоҳҳои хурди истеҳсолӣ ободу зебо ва сатҳи зиндагии сокинонаш беҳтару хубтар гардонида шуд.

Бо ифтитоҳи коргоҳи дӯзандагӣ ва маркази истеҳсолию омӯзишии қолинҳои дастӣ дар деҳоти «Овчиқалъача» 40 зану духтари хонашин бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Иншоот ба истиқболи ҷашни 35 -солагии Истиқлолияти давлатӣ бо саҳми соҳибкори ватанӣ Мадина Каримова бунёд шуда, аз ду ошёна ибора мебошад. Дар ошёнаи якуми бинои иншоот коргоҳ ва маркази омӯзишию истеҳсоли қолинҳои дастӣ ва попуридӯзӣ бо таъсиси 16 ҷойи корӣ ва дар ошёнаи дуюм бошад, коргоҳи дӯзандагӣ бо таъсиси 24 ҷойи корӣ пешбинӣ шудааст.

Барои мутобиқсозии сифати маҳсулот ва таъмини пурраи хонандагон бо сарулибоси мактабӣ, корию ҳарбӣ, варзишӣ ва дӯхтани либоси миллию аврупоӣ дастгоҳу таҷҳизоти муосир аз хориҷи мамлакат ворид ва насб карда шудааст, ки коргарон бо истифода аз чунин шароити мавҷуда сарулибоси корию мактабиро бо нақшунигори миллӣ ва тарҳи муосир омода ва пешниҳод месозанд.

Корхонаи дӯзандагии «Ёсуман» иқтидор дорад, ки дар як сол беш аз 10 ҳазор дона маҳсулоти дӯзандагиро истеҳсол намояд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити кории иншоот иқдоми соҳибкори ватаниро ҷиҳати бунёди чунин коргоҳи замонавӣ шоистаи таҳсин хонда, ба масъулон дастур доданд, ки барои бо шуғли доимӣ таъмин намудани занону духтарони деҳаҳои дурдаст чунин коргоҳҳои истеҳсолӣ минбаъд низ бунёд шавад.



Дар он ҷо бо ҷалби мутахассисон нозукиҳои ҳунари қолинбофӣ ва попурдӯзӣ ба занону духтарони деҳоти «Овчиқалъача» омӯзонида мешавад. Омӯзиши ҳунари дастӣ заҳматталаб бошад ҳам, манфиатовар буда, дар бозорҳои дохилию хориҷӣ харидорони зиёд дорад. Бо назардошти ин, коргарон баробари аз худ кардани ин ҳунари қадима дар ин коргоҳ ҳамзамон метавонанд ҳунари қолинбофии дастиро дар хона низ идома диҳанд.

Ҳамон рӯз дар маркази Ҷамоати деҳоти «Овчиқалъача» бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коргоҳи коркарди мева ифтитоҳ гардид.

Шуғли асосии аҳолии Ҷамоати деҳоти «Овчиқалъача»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров кишоварзӣ буда, сокинонаш бо истифода аз шароити фароҳамгардида заминҳои корами обию лалмиро самаранок истифода мебаранд ва дар бунёди боғу токзорҳои нав низ таҷрибаи бой доранд.

Дар навбати аввал дар он ҷо ду намуд маҳсулот, аз ҷумла тамашк дар шакли мураббо ва хуч дар шакли нӯшоба истеҳсол мегардад.

Иншоот дар доираи фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ бо ҷалби соҳибкори ватанӣ Шавкат Қаюмов бунёд гардида, даҳ сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шуданд.

Коргоҳи мазкур бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, иқтидори истеҳсолии он дар як моҳ 10 ҳазор қуттии шартӣ нӯшобаи хуч ва 500 қуттии шартӣ мураббо аз маҳсулоти тамашк мебошад.



Дар оянда бо фаро расидани мавсими ҷамъоварии ҳосили қулфинай коркард ва бандубасти он дар коргоҳи мазкур ба роҳ монда мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз раванди фаъолияти хатҳои нави технологӣ ва намунаи маҳсулоти саноатӣ таъкид доштанд, ки бо назардошти мавҷудияти ашёи хом бунёди чунин коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ сатҳи воридоти ин намуди маҳсулоти тайёрро аз хориҷи мамлакат коҳиш дода, барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд.

**Дар маркази Ҷамоати деҳоти «Овчиқалъача» - и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи коргоҳҳои истеҳсолӣ, бинои хуштарҳу замонавии маркази ташхисию табобатии «Тибби Равшан»- ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Он дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо саҳми соҳибкори ватанӣ, сокини деҳоти «Овчиқалъача» Алишер Ҳайдаров сохта шуда, аз ду ошёна ва таҳхона иборат мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он ҷо нахуст бо шароити кории маркази навбунёди тиббӣ, аз ҷумла ҳуҷраҳои корӣ ва дастгоҳу таҷҳизоти муосир, шинос шуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар марказ барои муолиҷаи беморон мутахассисони ботаҷриба ҷалб гардида, хизматрасонии тиббӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом дода мешавад.

Бинои он бо тарҳи хеле зебо ва ҷавобгӯи талаботи сохтмонию меъморӣ сохта шуда, дорои 7 ҳуҷраи ташхисию муолиҷавӣ ва 4 ҳуҷра бо 11 кати хоб мебошад, ки бо мизу курсӣ ва дастгоҳу таҷҳизоти зарурии ташхисию табобатӣ таъмин мебошанд. Дар ин маркази навтаъсиси тиббӣ 15 сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи корӣ доимӣ шуданд. Дар таҳхонаи бинои маркази навтаъсиси ташхисию табобатӣ ҳуҷраҳои физиотерапевтӣ амал менамояд, ки бо рахти хоб ва дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ таъмин мебошад.

Мувофиқи лоиҳа, дар ошёнаи якуми иншоот ҳуҷраҳои ултрасадо, рентгени рақамӣ, асабшиносӣ, утоқи табобати бемориҳои амрози даруна, ҳуҷраи дандонпизишкӣ, ташхисгоҳ ва ҳуҷраи табобатии амрозӣ занона ҷойгир буда, дар ошёнаи дуюм барои ба табобат фаро гирифтани сокинон 11 кати хоб бо шароити муосир мавҷуданд, ки табибон бо истифода аз дастгоҳу технологияи пешрафта ва муносибати хуб ба сокинон хизматрасонии босифату бенуқсони тиббӣ мерасонанд.

Сокинони Ҷамоати деҳоти «Овчиқалъача»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз таваҷҷуҳ ва дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва вусъати тадбирҳои бузурги ободонӣ дар марказ, инчунин бунёду баистифодадиҳии майдони Парчами давлатӣ, бинои муосири тиббӣ, коргоҳҳои истеҳсолӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ, ки барои беҳдошти сатҳи зиндагии мардум нигаронида шудааст, миннатдорӣ намуданд.

**1-уми апрели соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар вилояти Суғд дар минтақаи «Рухак» - и Ҷамоати деҳоти «Ғозиён»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров хатти оби полезиро ифтитоҳ карданд.**

Хатти оби полезӣ, ки масофаи он 1,3 километрро ташкил медиҳад, аз пойгоҳи обкашии ба номи «Қоҳиров» ба минтақаи зикршуда оварда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки заминҳои минтақаи «Рухак»- и Ҷамоати деҳоти «Ғозиён» бо сабаби набудани оби полезӣ солҳои зиёд аз истифода берун монда буд. Дар асоси дастуру ҳидояти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замини мавзеи «Рухак» марҳила ба марҳила ба гардиши кишоварзӣ ворид гардида истодааст.

Бино ба маълумоти Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, заминҳои ин мавзеъ зиёда аз 2000 гектарро ташкил медиҳад. Аз масоҳати умумӣ бештар аз 1000 гектараш заминҳои корам мебошад.

Бо бунёди хатти нави оби полезӣ ва таҷдиду навсозии пойгоҳҳои амалкунанда, ки тибқи маълумот солҳои 70-ум - 80-уми асри гузашта сохта ба истифода дода шудаанд, ҳолати обёрии боз 1000 гектар заминҳои корами минтақаи Рухаки ноҳияи Бобоҷон Ғафуров беҳтару хубтар мегардад.

Зимни муаррифии «Нақшаи таъминоти оби полезии минтақаи Рухаки ноҳияи Бобоҷон Ғафуров» ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки соли равон бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои пойгоҳҳои обкашии ба номи «Қоҳиров», «Фарҳод-3», «Юбилейний-1 ва 2» дар маҷмӯъ, 8 агрегати нав харидорӣ гардида, оянда бо иҷрои тадбирҳои иловагӣ фаъолияти мунтазами иншооти ирригатсионии ин мавзеъ таъмин ва мушкилоти солҳои қаблӣ куллан бартараф мешавад. Заминҳои минтақаи «Рухак» асосан ба воситаи ҳамин чор пойгоҳ обёрӣ мегардад ва ба ду қисм тақсим шуда, дар ҳудуди ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулов воқеъ мебошад.

Дар минтақаи мазкур кишоварзони ноҳияи Ҷаббор Расулов низ бо беҳтар гардидани вазъи обрасонӣ ҳар сол майдони боғу токзорҳои нав ва заминҳои киштро васеъ менамоянд. Аз ҷумла, соли равон кишоварзони ноҳияи Ҷаббор Расулов дар ин минтақа зиёда аз 50 гектар боғоти бодом, олуча, хуч, олу ва бештар аз 2 гектар токзори нав бунёд карданд.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани хатти оби полезӣ, ки масофаи он аз пойгоҳи обкашии «Деҳмой-4» то минтақаи Рухак 828 метрро ташкил медиҳад, зиёда аз 500 гектар замин шодоб мегардад. Ба воситаи пойгоҳи обкашии «Деҳмой-4» 117 гектар замини минтақаи Рухаки ноҳияи Бобоҷон Ғафуров низ обёрӣ мегардад.

Баъд аз ба истифода додани хатти оби полезӣ ва шиносоӣ бо нақшаи обёрии пурраи заминҳои минтақаи Рухак Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз боғи нави бодом, ки бо саҳми Хоҷагии ёрирасони «Пойгоҳи газпуркунии нақлиёти Рухак»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бунёд гардидааст, боздид намуданд.

Масоҳати боғи мазкур 5 гектар буда, дар он ҷо асосан се намуди ниҳоли дарахтони серҳосилу ба иқлими маҳал тобовари бодом шинонида шудааст. Хоҷагидорон боғи бодомро асосан дар заминаи боғоти куҳнаи зардолу, ки бо гузашти солҳои зиёд ҳосилнокии дарахтонаш кам гардида буд, бунёд намуданд ва баъди ду-се сол аз самараи он баҳра мебаранд.

Барои бунёди боғ ниҳоли дарахтони бодом, ки дар маҷмӯъ 2 ҳазору 400 бехро ташкил медиҳад, аз Корхонаи воҳиди давлатии фаръии «Ниҳолпарвар»- и ба номи Ғайбулло Масаидови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дастрас гардида, бо тавсияи олимони соҳа шинонида шудааст.

Истифодаи самараноку оқилонаи замин, ки яке аз таъкидҳои доимии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад, дар байни қатори ниҳоли дарахтони боғи нав ҷав кишт карда шудааст ва оянда хоҷагидорон бо гирифтани ҳосили дилхоҳ аз ин ҳисоб низ манфиати иқтисодӣ мебинанд.

Таъкид гардид, ки дар минтақаи «Рухак»-и ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулов бо обёрии пурраи замини талу теппаҳо имкон фароҳам мегардад, ки масоҳати майдони кишти зироат ва боғу токзорҳои нав ба зиёда аз 3 ҳазор гектар расонида шавад. Бо обёрӣ гардидани заминҳои ин минтақа, ҳамчунин, садҳо нафар соҳиби ҷойи кор гардида, дар бозори истеъмолӣ фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ таъмин мегардад.

**Дар рӯзи чоруми сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Кооперативи истеҳсолии ба номи Ҷаббор Расулови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар маъракаи кишти пунбадона дар масоҳати 17 гектар замин иштирок карданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пошидани чигит дар ин майдони кишт ба кори хоҷагидорон муваффақият таманно карданд.

Ҷомеаи меҳнатии бештар аз 600-нафараи ин кооперативи истеҳсолӣ дастуру супоришҳои роҳбарияти олии сиёсии мамлакатро сармашқи кори худ қарор дода, дар асоси риояи талаботи агротехникӣ сол аз сол масоҳати кишти пахтаро дар замини дар ихтиёрдоштаашон зиёд ва ба ин восита даромаднокии хоҷагӣ ва некуаҳволии иҷоракорону саҳмдоронро беҳтар месозанд.

Тибқи дурнамои истеҳсолӣ, хоҷагидорон тасмим доранд, ки дар мавсими ҷорӣ аз 1200 гектар замин дар масоҳати 750 гектар кишти пунбадона гузаронанд. Аҳли заҳмат, бо назардошти иқлими минтақа ба истифодаи тухмиҳои хушсифати ватанӣ бартарӣ медиҳанд. Дар умум, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров кишти пунбадона мақсаднок ба роҳ монда шуда, мувофиқи маълумоти Раёсати кишоварзӣ, бояд дар мавсими ҷорӣ дар масоҳати 8 ҳазору 200 гектар замин кишти пунбадона гузаронида шавад.

Бояд гуфт, ки Кооперативи истеҳсолии ба номи Ҷаббор Расулов серсоҳа буда, хоҷагидорон ба парвариши зироатҳои кишоварзӣ, аз қабили пиёзу сабзӣ, картошкаву шолӣ, гандуму полезиҳо ва боғдориву чорводорӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Натиҷаи тақсимбандии қитъаҳои замин нишон медиҳад, ки маданияти заминистифодабарӣ дар ин хоҷагӣ мувофиқи мақсад аст. Дар мавсими ҷорӣ аҳли заҳмат дар заминҳои бекорхобидаи ҳудуди кооператив парвариши 50 ҳазор бех ниҳоли хуч ва 60 ҳазор бех дарахти санавбарро ба роҳ монданд, ки нашъунамои хуб дорад.

Намоиши тухмии зироати кишоварзӣ низ дар ҳамин мавзеъ ташкил карда шуд. Дар он навъу намудҳои гуногуни чигити тухмии маҳалливу хориҷии ба иқлими минтақа мувофиқ, пахта, маҳсулоти ғалладонагӣ, ба монанди ҷаву гандум ва шоливу загир, зироатҳои лӯбиёгии наску наҳӯд, мош ва дигар намуди маҳсулот ба маъраз гузошта шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои боздид аз ин намоишгоҳ масъулонро барои таҳкиму тавсеаи бештари ҳамкории илм бо истеҳсолот, аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан ба истеҳсолу минтақабобкунии тухмии зироати кишоварзӣ, истифодаи тухмиҳои серҳосил вазифадор намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин дар намоишгоҳи наврӯзӣ, ки дар Кооперативи истеҳсолии ба номи Ҷаббор Расулов доир шуд, ширкат варзиданд.

Сокинони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар ин макон оинҳои наврӯзии сокинони чор минтақаи Тоҷикистон, Суғду Бадахшон ва Хатлону шаҳру ноҳияҳои тобеи маркази ҷумҳуриро бо риояи тамоми суннатҳои ин ҷашни аҷдодӣ ба маъраз гузоштанд. Хони ҳафтсину ҳафтшин, таомҳои гуногуни хос ба баҳору наврӯзи сокинони минтақаҳои гуногуни мамлакат, малакаҳои дастӣ ва намунаҳои ҳунармандиву дигар таомулҳои наврӯзӣ таркиби ин намоишгоҳро комил сохта буд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯзи аҷдодиро мояи ифтихори ҳар фарди худогоҳи тоҷик арзёбӣ карда, эҳё ва зинда нигоҳ доштани таомулҳои ин ҷашни бостониро барои худшиносиву худогоҳии наслҳои оянда муфид хонданд.

**Дар рӯзи чоруми сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи парандапарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Анко - Инвест»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи мазкур истеҳсоли гӯшти аълосифати парандаро ба роҳ мондааст ва таҳти тамғаи «Савиа» маҳсулоташро ба харидорон пешниҳод менамояд.

Он дар асоси муосиртарин технологияи соҳавӣ бунёд гардида, иқтидор дорад дар як марҳила, ки то 45 рӯзро дар бар мегирад, 350 ҳазор сар чӯҷа парвариш намояд. Ба ҳамин шакл дар як сол бо роҳандозии 5 марҳилаи парвариш, дар фермаҳои навбунёди ин корхона 1 миллиону 750 ҳазор сар мурғ нигоҳубин ва аз он гӯшти аълосифати парҳезӣ истеҳсол мешавад.

Иттилоъ дода шуд, ки корхонаи мазкур имконият дорад, ки дар як сол 3850 тонна гӯшти аълосифат истеҳсол ва ба бозорҳои мамлакат барорад.

Чӯҷаҳои бройлерӣ, ки барои парвариш ва истеҳсоли гӯшти аълосифат хеле мувофиқ мебошанд, дар давоми 45 рӯз аз 2 то 2,5 килограмм вазн гирифта, нигоҳубини онҳо мувофиқи талаботи соҳавӣ роҳандозӣ гардидааст. Дар чор фермаи корхонаи мазкур парвариши мурғ бо усули қафасӣ роҳандозӣ шуда, ин шакли нигоҳубин дар байни корхонаҳое, ки ба истеҳсоли гӯшти мурғ машғуланд, таҷрибаи аввал ба ҳисоб меравад. Агар дар фермаҳои маъмулӣ то 25 ҳазор сар паранда нигоҳубин шавад, дар фермаҳое, ки дорои системаи қафасии нигоҳубинанд, дар як вақт то 50 ҳазор сар мурғ парвариш мешавад. Дар ин баробар, тамоми ҷараёни кор ба тарзи автоматӣ роҳандозӣ шуда, обу хӯрок низ ба парандагон ба шакли худкор таъмин мешавад. Технологияи наву муосир, ҳамчунин имконият медиҳад, ки ваксинаи парандагон низ ба тарзи автоматӣ, бо омехтасозӣ ба хӯрок таъмин шавад.

Дар маҷмӯъ, тамоми фермаҳои корхонаи мазкур бо хатҳои муосир, ки барои нигоҳубини парандагон зарур аст, таъмин буда, онҳо ба тарзи худкор фаъолият менамоянд. Яке аз бартариятҳои дигари иншооти мазкур ин назорати компютерии ҳавои дохили фермаҳо буда, мӯътадилии ҳаво ба воситаи дастгоҳҳои замонавӣ таъмин мегардад. Хусусан системаи насбгардида, ки бо об фаъолият мекунад, дар гармиҳои аз меъёр зиёд ҳавои салқинро дар дохили ферма таъмин менамояд.

Корхонаи мазкур дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири таъмини аҳолии мамлакат бо гӯшти хушсифати парҳезии ватанӣ бунёд шуда, дар он 60 сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ гардиданд.

Дар маҷмӯъ, корхонаи парандапарварии «Анко-Инвест» аз даҳ мурғхонаи калон иборат буда, он дар масоҳати беш аз 9 гектар замин бунёд гардидааст.

Дар оянда, ҳамчунин, марҳилаи дуюми бунёди фабрикаи мазкур бо 60 ҷойи корӣ ва бо иқтидори истеҳсоли 3850 тонна гӯшти парҳезӣ дар як сол ба нақша гирифта шудааст. Ҳамчунин ҳадаф аст, ки сехи забҳи паранда ва сехи инкубатсионӣ ба хотири таъмини эҳтиёҷот бо чӯҷа сохта, ба истифода дода шавад.

Дар саҳни корхонаи навбунёд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти ин корхона ва дигар коргоҳҳои «Анко - Инвест», ки дар самти истеҳсоли тухми мурғ ва хӯроки паранда фаъолият менамоянд, боздид ба амал оварданд.
